«Тасдиқ мекунам»

Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____________ Н. Саидов
«____»_______ соли 2014

**Низомномаи**
**раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1. Раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - раёсат) ҷузъи таркибии дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мутобиқи вазифаҳои ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузоргардида фаъолият менамояд. Раёсат бо тартиби муқараргардида Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давлатҳои хориҷӣ, сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он намояндагӣ мекунад.

2. Раёсат фаъолияти байналмилалии раёсату шуъбаҳои маориф ва илми вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар сохторҳои соҳаи маориф ва илмро ҳамоҳанг сохта, масъалаҳои барқарор намудани робитаҳои онҳоро бо муассисаҳои марбутаи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар бахши таҳсилот, таълиму тарбия, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва тадқиқоти илмии муштарак ҳаллу фасл менамояд.

3. Раёсат фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовара, фармонҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

## 2. СОХТОРИ РАЁСАТ

1. Сохтори раёсат дар асоси Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Раёсатро сардор роҳбарӣ мекунад, ки ӯ аз ҷониби Вазири

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Сардор барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида масъул мебошад.

3. Сардори раёсат дар доираи салоҳияти худ тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда доир ба вазифаҳои ба зиммаи раёсат вогузоргардида тавсияҳо медиҳад. Сардори раёсат вазифаҳои хизматии кормандонро муайян ва рафти иҷрои онҳоро назорат менамояд.

4. Раёсат мувофиқи ҷадвали корӣ аз сардор, 2 сармутахассис, 2 мутахассиси пешбар ва 2 мутахассис иборат мебошад.

5. Раёсат дар фаъолияти худ ба Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад.

## 3. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ РАЁСАТ

1. Таҳияи лоиҳаи тафоҳумнома, шартнома, созишнома ва протоколҳои байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм.

2. Таҳияи лоиҳаи тафоҳумнома, шартнома ва созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз кишвар.

3. Назорати татбиқи созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм бо кишварҳои хориҷӣ.

4. Назорати риояи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ.

5. Таҳияи барномаҳои муштарак оид ба фаъолият дар соҳаи таҳсилот, таълиму тарбия, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон дар заминаи технологияҳои муосир.

6. Ҳамоҳанг сохтани фаъолияти раёсату шуъбаҳои маориф ва илми вилоят, шаҳр, ноҳия, сохторҳои дигари соҳаи маориф ва илм ва муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, гузаронидани конфронс, семинар, сафарҳои таълимиву омӯзишӣ ва тадқиқоти муштараки илмӣ бо марказҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

7. Табодули ғайримарзии маводи илмӣ, таълимӣ, методӣ ва воситаҳои айёнӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

8. Мутобиқи талаботи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ.

9. Дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани номгӯи равия, ихтисос ва харҷномаҳо барои тайёр намудани

мутахассисон дар давлатҳои хориҷӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ.

10. Дар ҳамкорӣ бо Вазоратҳоии корҳои хориҷӣ ва рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили таҳсили шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишварҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Мувофиқи созишномаҳои байнидавлатӣ барои таҳсил, коромӯзӣ, такмили ихтисос, аспирантура ва докторантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ фиристодани шаҳрвандони ҷумҳурӣ.

12. Дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва сохторҳои таркибии дастгоҳи марказии вазорат ташкил ва назорат намудани раванди таълими шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишварҳои хориҷӣ.

13. Назорати раванди таҳсили хонандагон, донишҷӯён, коромӯзон ва аспирантони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

14. Дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои дахлдори ҷумҳурӣ таъмин намудани назорати риояи реҷаи визагӣ ва қоидаҳои иқомати донишҷӯён, аспирант ва коромӯзони хориҷӣ дар қаламрави кишвар.

15. Назорати фаъолияти созмон, иттиҳодия ва ассотсиатсияҳои донишҷӯёни хориҷӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ.

16. Дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он таҳия намудани барномаҳо оид ба таъсиси муассисаҳои муштараки таълимӣ.

17. Назорати фаъолияти муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар соҳаи робитаҳои байналмилалӣ.

18. Табодули иттилоот бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ оид ба дастовардҳои дуҷониба дар соҳаи маориф ва илм.

19. Дар якҷоягӣ бо Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм, раёсату шуъбаҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он ҳаллу фасл намудани масъалаҳои марбут ба тасдиқ, эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, унвон ва дараҷаҳои илмӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд.

20. Таъмини иштироки кормандони соҳа дар кори комиссия, кумита, форум, симпозиум, намоишгоҳ ва озмунҳои байналмилалӣ.

## 4. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ РАЁСАТ

1. Бо тартиби муқарраргардида Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ намояндагӣ намуда, татбиқи созишномаҳои

байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавиро дар соҳаи маориф ва илм назорат менамояд.

2. Ҳангоми амалӣ намудани ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ роҳҳои афзалиятноки робитаҳои дуҷонибаро бо назардошти масоили марбут ба рушди соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад.

3. Лоиҳаҳои шартнома, созишнома, тафоҳумнома ва протоколҳоро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм таҳия намуда, бо вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа ва ҷиҳати баррасиву тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

4. Самтҳои асосии фаъолияти байналмилалии соҳаи маориф ва илмро муайян месозад.

5. Қабул ва таҳсили шаҳрвандони хориҷиро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

6. Дар интихоби номзадҳо барои таҳсил, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос берун аз ҷумҳурӣ иштирок намуда, дар кори семинар, конфронс, курсҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, ширкат меварзад.

7. Барои ба таҳсил, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ширкат дар чорабиниҳои байналмилалӣ, ба хориҷи кишвар фиристодани хонандагон, донишҷӯён, коромӯзон, аспирантҳо, олимон ва мутахассисон хазинаи захиравии номзадҳоро таъсис медиҳад.

8. Чорабиниҳои протоколиро амалӣ намуда, мулоқоти роҳбарияти вазоратро аз рӯи зарурат бо намояндагони давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир менамояд. Дар чорабиниҳо, қабулу маросимҳои расмӣ ва таҷлили ҷашнҳои идонаи сафорат ва созмонҳои байналмилалӣ тибқи супориши вазир намояндагӣ мекунад.

9. Дар доираи салоҳияти раёсат барои беҳбудии фаъолияти байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм ба роҳбарияти вазорат пешниҳод омода месозад.

## 5. ҲУҚУҚҲОИ РАЁСАТ

1. Раёсат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дохилидавлатӣ ва бо розигии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда бо мақомоти давлатии идораи маориф ва илми кишварҳои хориҷӣ, муассисаҳои таълимии берун аз ҷумҳурӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорати корҳои хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд.

2. Дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои тобеи он, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии

ҷумҳурӣ, новобаста аз тобеияти идорӣ ва молиявиашон, раёсату шӯъбаҳои маориф, вазоратҳо ва дигар муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ маълумот ва маводи зарурӣ ҷамъ меоварад.

3. Барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти байналмиллалӣ дар соҳаи маориф ва илм ва роҳҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба мутахассисони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ва коршиносони соҳаро ҷалб менамояд.

4. Дар ҳамкорӣ бо раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии вазорат оид ба тайёр намудани кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар ба роҳбарияти вазорат пешниҳодоти мушаххас манзур менамояд.

5. Дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии вазорат ва муассисаҳои тобеи он татбиқи созишнома, шартнома, тафоҳумнома ва протоколҳои баимзорасидаро таъмин менамояд.

6. Барои беҳтар гардидани сифати ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм дар назди роҳбарияти вазорат, маҷлисҳои назоратии назди вазири маориф ва илм ва ҷаласаҳои мушовараи вазорат масъалагузорӣ мекунад.